# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (Душанбе, 2026)

Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мутобиқат мекунад.

Мавзуи кори мазкур ба номгуи Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021 -2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020 № 503 тасдиқ шудааст, ворид буда, ба банди нуҳуми он “масъалаҳои вобастаи ҳуқуқшиносӣ” мутобиқ аст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Назария ва амалияи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» сурат гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Танзим ва идоракунии меҳнат яке аз масоили мубрамми илми ҳуқуқи меҳнатӣ буда, ба тамоми фаъолияти ҷомеа таъсиргузор аст. Идоракунии меҳнат яке аз воситаҳои муҳимтарини рушди устувори соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ ва таҳкими ҳамоҳангии ҷамъиятӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба шумор меравад. Масъалаҳои вобаста ба такмили низоми ташкили меҳнат ва истеҳсолот, идоракунии соҳаи меҳнат бо назардошти ташаккули иқтисоди бозорӣ ва талаботи нав яке аз мавзуи мубрами рузномаи байналмилалӣ гардидааст. Аз ҷумла, Ташкилоти байналмилалии меҳнат, ки дар сатҳи байналмилалӣ дурнамои соҳаи меҳнат ва стандартҳои байналмилалиро дар ин соҳа таҳия менамояд, масъалаҳои зикршударо ба муколамаҳои ҷашни 100 солагии ТБМ ворид намуда, ба сифати самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ эътироф менамояд. Хосатан ба мубодилаи таҷрибаҳои пешқадами байналмилалӣ дар иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии ташкилот, ки ҷузъи идоракунии меҳнат буда, барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат равона шудааст, дода мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳар як самти фаъолият идоракуниро талаб мекунад. Вале дар умум, идоракунии меҳнат барои таҳия ва ташаккули

муносибатҳои меҳнатӣ равона шуда, он барои босифат фаъолият бурдан, меҳнати пурмаҳсул хизмат менамояд. Муҳимияти таҳқиқот инчунин аз зарурати мутобиқсозии низоми муносибатҳои меҳнатӣ ба равандҳои муосири рушди ҷомеа, иқтисодиёт ва махсусан табдили рақамии иқтисод бармеояд. Иқтисоди рақамӣ метавонад муҳити муносибатҳои меҳнатиро ба таври куллӣ тағйир дода, шаклҳои нави ташкили меҳнат ва шуғлро ба вуҷуд оварад.

Тибқи андешаи унвонҷӯ, муҳиммияти мавзуъи таҳқиқотӣ ба чунин ҳадафҳои соҳаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок мешавад: 1)тавсеаи шуғли пурмаҳсул, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, бехатарии меҳнат ва қаноатмандии кормандон аз музди кори бадастоварда, ки натиҷаҳои онҳо дар маҷмуъ ба рушди иқтисодии кишвар ва некӯаҳволии шаҳрвандон равона гардидаанд, аз танзими ҳуқуқии пурра ва самараноки идоракунии меҳнат вобастагӣ дорад; 2) ташаккули танзими давлатӣ ва ҷамъиятии бозори меҳнат, истифодаи дурусту самараноки қувваҳои корӣ дар иқтисодиёти кишвар, таҳлилу таҳияи дурнамои талабот ва пешниҳоди бозори кор ва татбиқи мақсадноки чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба шарти таҳким додани мақоми ҳуқуқии субъектҳои идоракунии меҳнат ва бозори меҳнат имконпазир мегардад; 3) аз як ҷониб тақвияти тадбирҳо барои саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ ва аз ҷониби дигар тавсеаи истифодаи зеҳни сунъӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ба тағйирёбии мазмуну муҳтавои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ замина гузошта, шаклҳои нави шуғлро дар бозори меҳнат ба вуҷуд оварда истодаанд, ки ин омилҳо аз илми ҳуқуқи меҳнат пажӯҳишҳо ва таҳияи усулҳои муосири танзими ҳуқуқии идоракунии ин ҷараёнҳоро тақозо дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ дошта, пеш аз ҳама ба рушди амалияи танзими меҳнат, таъмини устуворию субот дар ташаккули муносибатҳои меҳнатӣ, иқтисодиёти кишвар, сиёсати давлатӣ дар ин самт, ба вуҷуд омадани ҳусни тафоҳум дар байни корманду корфармо, ташаккули илми ҳуқуқи меҳнатӣ, тарбияи дурусти кадрҳо дар ин самт мусоидат менамояд.

Сохтори диссертатсияи Тоҷиддини Бахриддин аз ҷанбаи моҳият ва мазмун мантиқан таҳия гардида, аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат аст.

Дар боби аввали диссертатсия «Мафҳум, низом ва сохтори ниҳоди идоракунии меҳнат: ҷанбаҳои назариявӣ» мафҳум, низом ва сохтори ниҳоди идоракунии меҳнат ва ташаккулёбии он шудаанд. Муаллиф назарҳо ва мавқеъҳоро дар илми ҳуқуқи меҳнат доир ба мафҳум ва низоми идоракунии меҳнат ба таври васеъ таҳлилу баррасӣ намудааст. Ба андешаи муаллиф гарчанде ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон ҳамчун асос эътироф карда мешавад, аммо он бояд салоҳияти мутлақ ҳисобида нашавад. Мувозинати он тавассути муқаррарсозии меъёри ҳатмии давлат (қонунгузорӣ); бастани шартномаи коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатии фардӣ зарур мебошанд. Ба ақидаи муаллиф набояд мафҳуми «идоракунии меҳнат» бо мафҳуми «ташкили меҳнат» омехта карда шавад. Идоракунии меҳнат мафҳуми васеътар буда, он ҳам танзими ҳуқуқӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоии онро фаро мегирад. Ташкили меҳнат танҳо ҷанбаҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодии (тақсимоти вазифаҳо, муътадилсозии равандҳо, стандартикунонӣ) меҳнатро дар бар мегирад. Аз натиҷаи таҳқиқи мазмун ва муҳтавоии идоракунии меҳнат чунин мафҳуми он пешниҳод мегардад, ки: “Идоракунии меҳнат - маҷмуъи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ғайра) дар сатҳҳои муайян барои ба танзим даровардани маҷмуи масъалаҳои меҳнат: таҳияи меъёри ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул, ҳифзи меҳнат, такмили ихтисоси кормандон ва назорати риояи қонунгузории меҳнат нигаронида шудаанд”.

Дар боби дуюм «Заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», масъалаҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ таҳқиқу баррасӣ мешаванд. Дар зербоби якуми боби дуюм сохтор, низом ва функсияҳои асосии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ мавриди омӯзиши пурра қарор дода шудааст. Ошкор мегардад, ки ҳарчанд идоракунии меҳнат вазифаи асосии танзимнамоии ҳуқуқии қонунгузории меҳнат маҳсуб мешавад, вале дар КМ ҶТ масъалаи мазкур ба таври равшану возеҳ дарҷ нашудааст. Моддаи 3 КМ ҶТ, ки вазифаҳои қонунгузории меҳнатро ифода мекунад, мавзуъҳои дар он дарҷёфта на вазифаи қонунгузорӣ, балки мазмунан ба мақсадҳои қонунгузорӣ муносибанд. Бинобар ин ба андешаи муаллиф зарур аст, ки моддаи мазкур такмил дода шуда, “танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста

ба идоракунии меҳнат” ё аз вазифаҳои аввалиндараҷаи қонунгузории меҳнат муқаррар карда шавад. Ҳамчунин, пешниҳод мегардад, ки принсипи “таъмини ташкил ва идоракунии меҳнат дар ҳама сатҳҳо” ба қатори принсипҳои дар моддаи 4 КМ ҶТ дарҷшуда, илова карда шавад. Дар ин бахши таҳқиқот хусусият ва сохтори санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот мушаххас карда мешаванд. Ба назари муаллиф ин санадҳо вобаста ба хусусияташон ба санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ ҷудо мешаванд. Қисме аз санадҳои мазкур, ки хусусияти ҳатмӣ доранд, дар асос ва иҷрои меъёрҳои қонунгузории меҳнат қабул карда мешавад. Аз рӯи меъёри ҳатмии қабул онҳо ба санадҳои қабулашон барои аксари корфармоён ҳатмибуда ва ҳатмӣ будани қабули онҳо вобаста ба ҳолатҳои мушаххас, ҷудо мешаванд. Вале, дар КМ ҶТ ҳолатҳои ҳатмӣ будани қабули чунин санадҳои корфармо мушаххас нестанд. Чунин ҳолатҳо ва духурагиҳо дар мавриди қабули санадҳои меъёрии дохилии корфармо дар як қатор моддаҳои КМ ҶТ (моддаҳои 72, 102, 125, 139, 158) ошкор гардиданд. Ба андешаи муаллиф, барои роҳ надодан ба номуайянии ҳуқуқӣ, бояд ба КМ ҶТ тағйироти дахлдор ворид карда шуда, муайян карда шавад, ки корфармо бояд дар кадом ҳолатҳои мушаххас санади меъёрии дохилиро қабул намояд.

Дар боби сеюм «Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат: ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо» ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва шарикони иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармоён ва намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат, танзими ҳуқуқии иштироки кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат таҳқиқ шудаанд. Дар зербоби якуми боби сеюм ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва шарикони иҷтимоӣ дар идоракунии меҳнат низом, сохтор ва вазифаҳои субъектҳои идоракунии меҳнат мавриди омузиш қарор дода шудааст. Муайян мегардад, ки низоми субъектҳои идоракунии давлатии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи мақомоти давлатии дорои ваколатҳо ва салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун иборат мебошад. Зимни таҳқиқи масъалаи мазкур муайян мешавад, ки корфармо субъекти асосии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ буда, маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳои барои ин фаъолият зарурӣ дорад, роҳбарӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва шахсони мансабдор, таҳия ва қабули қарорҳои ҳатмии роҳбарикунанда, санадҳои ташкилию маъмуриро амалӣ менамояд, ба иҷрокунандагони

масъул таъсир мерасонад. Корфармо ҳамчун субъекти идоракунии меҳнат дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот нақши асосӣ дошта, аз доираи васеъи ҳуқуқу ваколатҳои идоракунӣ бархурдор аст. Дар зербоби сеюми боби сеюм бошад, танзими ҳуқуқии иштироки кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат таҳқиқ мешаванд. Дар ин бахши таҳқиқот ба омузиши меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқҳои кормандон дар идоракунии меҳнат ва табиқи онҳо дар амалия таваҷҷуҳ карда мешавад. Ошкор мегардад, ки КМ ҶТ меъёрҳои мушаххасро дар бораи тартиб ва шароити иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, аз ҷумла ҳолатҳои ширкат намудан дар муҳокима ва қабули қарорҳо вобаста ба масъалаҳои меҳнат, пешбинӣ накардааст. Ба андешаи муаллиф қонунгузор мебоист принсипҳо ва механизми татбиқи ин ҳуқуқро, аз ҷумла тавассути низоми шарикии иҷтимоӣ мушаххас мекард. Ин холигӣ ва аз танзими ҳуқуқӣ берун мондани он боиси дар амалия ба таври зарурӣ татбиқ нагардидани ин ҳуқуқи кормандон гардида истодааст.

Дар хулоса, муҳокима ва андешаҳои муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқотӣ ҷамъбаст ва тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд.

Таҳлили муҳтаво ва мазмуни диссертатсия имконият медиҳад, ки хулоса намоем, ки унвонҷӯ Тоҷиддини Баҳриддин дар давоми таҳқиқот ба ҳадафҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда расида, мафҳум ва нуктаҳои арзишманд барои ҳимоя пешниҳод намудааст.

Хулоса ва нуктаҳои навоваронаи дар таҳқиқоти унвонҷӯ пешниҳодшуда дар илми ҳуқуқи меҳнати ватанӣ андешаҳои нав мебошанд. Онҳо хусусияти идоракунии меҳнатро дар шароити муосир инъикос намуда, самтҳои асосии рушди минбаъдаи онро ошкор менамоянд.

Унвонҷӯ аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ ва сарчашмаҳои мӯътамад ба таври фаровон истифода бурдааст, ки он имкон додааст, то ин ки хулосаҳои объективонаи илмӣ таҳия намояд.

Унвонҷӯ дар конфронсҳои илмӣ ва муҳокимаҳо, дар мақолаҳои илмии номбурда дар маҷаллаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки дар шакли хулосаҳо, нуктаҳои навгонӣ ва тавсияҳо пешниҳод гардидааст, аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар раванди таълими фанни «Ҳуқуқи меҳнати ҶТ», «Ниҳоди идоракунии меҳнат», курсҳои махсус мавриди истифода қарор гиранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар шароити муосир таҳқиқоти комил, маҷмуӣ ва хотимаёфта мебошад.

**Хулоса**. Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии мукаммал ба ҳисоб рафта, нуктаҳои асосии он бо далелҳои асоснок ва боэътимод ифода ёфтанд. Он ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгу буда, барои ҳимоя тавсия мегардад. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Директори Муассисаи давлатии
“Маркази барномаҳои
байналмилалӣ” Одиназода Р.С.

“20” январи соли 2026

**Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. М.Турсунзода, 47
Тел: (992)-223-23-59, мобилӣ: (992) 00-500-74-74
**Почтаи электронӣ**: ramazon-84@mail.ru

Имзои Одиназода Р.С.-ро **тасдиқ мекунам:**
Мудири бахши коргузорӣ, кадр ва ҳуқуқ Имомзода М.М.

**Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. М.Турсунзода, 47
Тел: (992)-223-23-59, мобилӣ: (992) 903-30-40-00
**Почтаи электронӣ**: mbb-2008@mail.ru